41806 - Зане кӯдаки ширхор дорад, оё ҳаҷ бар ӯ воҷиб аст?

савол

Агар зан фарзандони хурдсол дошта бошад ва яке аз онҳо кӯдаки ширхор бошад, ки бо худ ба ҳаҷ бурдани ӯ душвор бошад, оё (дар ин ҳолат) ҳаҷ бар ӯ воҷиб аст ё метавонад онро ба таъхир андозад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бар ин зане, ки чунин ҳолат дорад, ишколе нест, ки ҳаҷро ба соли оянда ба таъхир андозад. **Аввал:** Зеро бисёре аз донишмандон мегӯянд, ки ҳаҷ фавран воҷиб нест ва инсон бо вуҷуди тавонӣ метавонад онро ба таъхир андозад.

Дуввум: Ин зан ниёз дорад ба хотири нигоҳубини фарзандонаш дар хона бимонад. Нигоҳубини фарзандонаш хайри бузург аст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Зан дар хонаи шавҳараш сарпараст аст ва бар зердастони худ масъул аст».**

Аз ин рӯ, ман мегӯям, ки ин зан то соли оянда интизор бишавад. Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки кори ин занро осон намояд ва ҳар коре, ки дар он хайр аст, онро барояш насиб гардонад. Поёни сухан.